# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Саъдӣ Шариф дар мавзӯи «Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст**

**(Душанбе, 2019. - 207 с.)**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ** бо муҳим будани масъалаҳои таҳқиқшаванда, ки бо шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳалаи муосир алоқа доранд, муайян карда мешавад. Таҳқиқоти мазкур барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои мубрами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ мешаванд, мусоидат мекунад (саҳ. 3). Мубрам будани мавзӯъро аҳамияти функсияҳои хориҷии давлати Тоҷикистон дар партави ҳалли вазифаҳои мубрами сиёсати хориҷӣ, ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла суханрониҳои ӯ дар ҷаласаи 72-юми Маҷмааи Умумии СММ, дар чорабинии сатҳи баланди бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028», дар ҷаласаи чоруми Панели сатҳи баланд доир ба масалаҳои об собит менамояд. Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ функсияҳои давлати Тоҷикистон, ки барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ равона шудаанд, ба худ мазмуни миллиро касб менамояд. Аз ин лиҳоз, Шарифзода Саъдӣ Шариф зикр менамояд, ки ҳамаи функсияҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ҳимояи анъанаҳои миллӣ, осори таърихӣ, фарҳанги миллӣ, муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои глобалӣ (терроризми байналхалқӣ, экстремизм, таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ, ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ ва г.) амалӣ карда мешаванд (саҳ. 4-5).

Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки функсияҳои давлати Тоҷикистон бахри расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳалли вазифаҳои мубрами иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, экологӣ, мудофиавӣ, демографӣ ва иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳамин партав, диссертант бар он ақидааст, ки функсияҳои давлати Тоҷикистон дар навбати худ боиси ташаккули функсияҳои нави давлат, такмили функсияҳои анъанавӣ ва шаклу усулҳои амалишавии онҳо мегардад.

**Мундариҷаи диссертатсия** мақсади таҳқиқотии муаллифро инъикос менамояд. Муқаддимаи кор ҳамаи унсурҳои зарурии ба диссертатсия чун кори илмӣ-тахассусӣ хосбударо дар бар мегирад.

Дар **боби якум** «Мафҳуми функсияи давлат бо дарназардошти инкишофи нуктаҳои назари илмӣ» мафҳум ва таснифи функсияҳои давлат, шаклҳо ва усулҳои амалисозии онҳо таҳқиқ карда шудааст. Зербанди якуми боби 1-ум ба проблемаи «Мафҳуми функсияи давлат дар робита бо инкишофи он» бахшида шуда, дар он мубрамияти проблемаи «функсияи давлат» муайян карда шудааст. Тавре диссертант зикр менамояд, «функсияи давлат» яке аз масъалаҳои мубрами назарияи умумии давлат буда, чун анъана мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлили мутафаккирону олимон қарор дорад, зеро омӯзиши он барои назария ва амалияи давлатӣ хеле муҳим мебошад. Муаллиф муҳимияти «функсияи давлат»-ро бо чанде омилҳо муайян мекунад. Дар ҳамин партав Шарифзода Саъдӣ Шариф бар он ақидааст, ки вобаста ба омилҳои ба миёноянда, чанде аз функсияҳои анъанавии давлат аз байн рафта, дар як вақт функсияҳои нави давлат ба миён меоянд (саҳ. 20 ва минбаъда).

Дар диссертатсияи мазкур он ҳолат диққатҷалбкунанда аст, ки мафҳуми «функсияҳои давлат» аз нигоҳи муҳаққиқони гуногун мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Вобаста ба муқаррар намудани моҳияти «функсияҳои давлат», диссертант ақидаҳои се гурӯҳи муаллифон, ақидаи мактаби либертарии ҳуқуқро мавриди таҳқиқ қарор додаст. Ҳамчунин дар иртибот бо ақидаи мактабҳои зикрёфта, муаллиф ҷонибдории хешро нисбат ба ақидаҳои пешниҳод намудаи профессор Р.Ш. Сотиволдиев иброз намудааст (саҳ. 22 ва минбаъда).

Қобили қайд аст, ки муаллиф аз «объект», «предмет», ва «мақсадҳо» иборат будани «функсияҳои давлат»-ро ҷудо менамояд. Ба ақидаи ӯ, агар «объект»-и функсияи давлатро соҳаҳои муайяни ҳаёти ҷомеа ташкил диҳанд, пас «предмет»-и функсияи давлатро он муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки самти муайяни фаъолияти давлатро ташкил медиҳанд. Муаллиф ҷонибдори он аст, ки функсияи давлатро муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ, экологӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд. Дар ҳамин замина муаллиф, мафҳуми «мақсади функсияҳои давлат»-ро шарҳ дода, сипас 15 хусусиятҳои функсияҳои давлатро пешниҳод менамояд. Аз нигоҳи муаллиф, функсияҳои давлат самтҳои асосӣ (аввалиндараҷа, афзалиятнок, зарурӣ)-и фаъолияти давлат буда, дар робита бо омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба мафҳуми «самти фаъолияти давлат» Шарифзода Саъдӣ Шариф хусусиятҳои дигари функсияи давлатро пешниҳод менамояд.

Дар асоси таҳлилҳои зикршуда, диссертант чунин мафҳуми муаллифии хешро пешниҳод кардааст: функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки дар робита бо талаботи объективии ҷомеа ташаккул меёбад, моҳияти давлатро ифода мекунад, баҳри иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои мубрами ҳаёти ҷомеа бо истифода аз шаклҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ва ташкили амалӣ карда мешавад (саҳ. 26 ва минбаъда).

Зербанди дуюми боби 1-ум «Таснифи функсияҳои давлат дар заминаи гуногунии ақидаҳои илмӣ» ном дошта, дар он мафҳумҳои «низоми функсияҳои давлат» ва «таснифи функсияҳои давлат» дар робита бо мафҳумҳои фалсафии «низом» ва «таснифот» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қобили қайд аст, ки вобаста ба проблемаҳои илмии таснифи функсияҳои давлат, диссертант таърихи инкишофи функсияҳои давлатро мавриди таҳқиқот қарор дода, ақидаҳои файласуфони давраи қадим (Афлотун), олимону файласуфони давраи Маърифат (Волтер, Монтескё, Руссо), ибтидои асри XX (Георг Еленник), намояндагони мактаби марксистӣ (К. Маркс ва Ф. Энгелс), олимони шуравӣ (А.П. Коситсин, Л.И. Каск, Н.В. Черноголовкин, М.И. Байтин) олимони замони муосир (А.Б. Венгеров, Л.П. Рассказов, М.Н. Марченко, А.В. Козлов, М.А. Бухтерева, В.В. Антсупов, В.Е. Сизов, А.Н. Буховетс ва диг.) ва ҳамчунин олимони ватаниро (Р.Ш. Сотиволдиев, Г.С. Азизкулова, И.И. Камолов) бо тартиб таҳлил намудааст. Дар ҳамин замина, нишон дода мешавад, ки вобаста ба намудҳои функсияҳои давлат, ки асосан ба функсияҳои «дохилӣ» ва «хориҷӣ» (В.М. Корельский, Р.Ш. Сотиволдиев, С.И. Некрасова, М.И. Пискотин, Т.Н. Радко, В.Е. Чиркин, Л.А. Морозова, Л.И Загайнов) ҷудо карда мешавад, байни мутахассисони соҳа якфикрӣ вуҷуд надорад. Чунончи, Б.П. Курашвили, Г.Ю. Атаян ва М.Н. Марченко функсияҳои «дохилӣ» ва «хориҷӣ»-и давлатро рад мекунанд. Аз ин лиҳоз, диссертант дар пешниҳоди муаллифии худ функсияҳои давлатро вобаста ба ҳудудашон ба «дохилӣ», «хориҷӣ» ва «омехта» ҷудо менамояд (саҳ. 36 ва минбаъда). Дар зербанди мазкур ҳамчунин таҳлили функсияҳои давлат вобаста ба аҳамияташон ба функсияҳои «дохилӣ» ва «хориҷӣ» дида мешавад. Диссертант вобаста ба проблемаи илмии мазур ақидаҳои муҳаққиқони зиёдро мавриди таҳқиқ қарор додаст (В.Е. Чиркин, Н.В. Черноголовин, Р.Ш. Сотиволдиев ва диг.). Аз таҳлилҳои муаллиф дида мешавад, ки теъдоди муайяни муҳаққиқон таснифи функсияҳои давлатро ба функсияҳои «дохилӣ» ва «хориҷӣ» тарафдорӣ намекунанд. Муҳокимаронии теъдоди муайяни олимонро ба тариқи танқидӣ ба назар гирифта, Шарифзода Саъдӣ Шариф низ тасниф намудани функсияҳои

давлатро ба «асосӣ» ва «ғайриасосӣ» рад менамояд (саҳ. 57 ва минбаъда). Дар диссертатсия ҳамчунин таснифоти дигари функсияҳои давлат ба «доимӣ» ва «муваққатӣ», «синфӣ» ва «умумиичтимоӣ» (В.М. Корелский, А.Б. Венгеров, Р.Ш. Сотиволдиев), «танзимӣ» (Л.П. Рассказов) ва «муҳофизавӣ» ва чанде диг. дида мешавад.

Ба андегаи муаллиф, функсияҳои «танзимӣ» ва «муҳофизавӣ» асосан «функсияи ҳуқуқ» мебошад (саҳ. 60 ва минбаъда). Дар зербанди мазкур диссертант ҳамчунин дигар функсияи давлатро бо номҳои «функсияи давлат вобаста ба шакли сохти давлат (Ю.В. Марченко)», «таснифи функсияи давлат дар заминаи таҷзияи ҳокимият», «функсияи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (В.Д. Перевалов)», «функсияи ҳифзи ҳуқуқи инсон (А.С. Пиголкин)», «функсияи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс (С.В. Бабаев)» ва «функсияи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодии шаҳрванд», ҳамчун функсияи «генералӣ»-и давлат (Ю.В. Марченко), функсияҳои «давлати ҳуқуқбунёд» (В.С. Нерсесянс), функсияҳои «ақаллӣ («минималӣ»)» ва функсияҳои «патерналӣ»-ро (В.А. Четвернин) мавриди таҳқиқ қарор дода, бар он ақида аст, ки таснифотҳои маскур баҳснок мебошанд (саҳ. 63 ва минбаъда).

Ҳамин тавр, Шарифзода Саъдӣ Шариф дар заминаи таҳқиқи чуқури таснифҳои алоҳидаи «функсияи давлат» бар он ақидааст, ки функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат буда, аз ин лиҳоз, «функсияи давлат» аз «функсияи мақомоти давлатӣ» ва «функсияҳои ҳуқуқ» куллан фарқ мекунанд.

Дар зербанди сеюми боби 1-ум «Шаклҳо ва усулҳои амалишавии функсияҳои давлат» муаллиф мафҳуми «шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат»-ро аз нигоҳи муҳаққиқони гуногун (Н.И. Матузов ва А.В. Малко, В.С. Нерсесянс, Р.Ш. Сотиволдиев, В.В. Лазарев, С.С. Алексеев) мавриди таҳлили чуқури илмӣ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст, ки дар ин соҳа ақидаи ягона мавҷуд нест. Дар заминаи таҳлили чунин ақидаҳо, ӯ ҷонибдории хешро нисбати «вобаста кардани шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат бо намудҳои ҷудогонаи фаъолияти давлат» иброз намудааст (саҳ. 72).

Шарифзода Саъдӣ Шариф «хусусиятҳо»-и шаклҳои амалишавии функсияҳои давлатро низ мавриди таҳлил қарор дода, чунин мафҳуми муаллифии хешро пешниҳод намудааст: «шаклҳои амалишавии функсияи давлат» намудҳои ҷудогонаи фаъолияти давлатӣ мебошад, ки хусусияти комплексӣ дошта, барои амалигардии самараноки функсияҳои давлат заминаи зарури ташкиливу ҳуқуқӣ фароҳам оварда, муташаккиливу интизомро дар фаъолияти функсионалии давлат таъмин мекунад (саҳ. 74). Муаллиф аз нигоҳи таърихӣ таҳқиқоти худро нисбати таснифи

«шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат» идома дода, ақидаҳои замони шӯравиро оид ба се намуди шакли амалишавии давлат, аз ҷумла фаъолияти қонунгузорӣ, идоракунии давлатӣ, адолати судӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад (С.А. Голунский, М.С. Строгович, И.И. Евтихиев, В.А. Власов, С.С. Студеникина).

Ақидаи дигар оид ба таснифи шаклҳои амалӣ намудани функсияҳои давлат ба «фаъолияти идоракунии умумидавлатӣ ва маҳаллӣ, фаъолияти президентӣ, маъмурӣ (иҷрокунанда, таъйинотӣ, маъмурӣ) судӣ ва прокурорӣ (Г.И. Петров)», ба «фаъолияти қонунгузорӣ, фаъолияти иҷроиявӣ, адолати судӣ ва назорати прокурорӣ (Д.А. Керимов) мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Тавре ӯ зикр менамояд, дар адабиёти илмии пасошӯравӣ оид ба ин масъала ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Гурӯҳи якуми олимон «шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат»-ро ба «шаклҳои ҳуқуқӣ» ва «ғайриҳуқуқӣ» (Р.Ш. Сотиволдиев, М.Н. Марченко, В.М. Корелский, В.Д. Перевалов, М.А. Бухтерева) ва гурӯҳи дуюм ба «шакли ҳуқуқӣ» ва «ташкилӣ-ҳуқуқӣ» (М.И. Байтин, Халифабобо Ҳамидов, Зариф Ализода, Л.П. Рассказов ва диг.) ҷудо мекунанд.

Шарифзода Саъдӣ Шариф таъкид менамояд, ки «шаклҳои ҳуқуқии амалишавии функсияҳои давлат» дар заминаи тафовути байни «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «иҷрои ҳуқуқ» пешбарӣ гардида, дар навбати худ ба фаъолияти «оперативӣ-иҷроӣ» ва «ҳифзи ҳуқуқӣ» тақсим карда мешавад. Ӯ бар он ақида мебошад, ки одатан «шаклҳои ташкилии амалисозии функсияҳои давлат» дар шакли умумӣ таҳқиқ карда шуда, аз ҳам ҷудо карда нашуда, «шаклҳои ташкилӣ» зимни ҳалли вазифаҳои мушаххаси сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигари давлат, таъминоти техникӣ ва ташкилии механизми давлат истифода мешаванд (саҳ. 74 ва минбаъда). Диссертант қайд менамояд, ки функсияҳои давлат тавассути усулҳои махсус амалӣ мешаванд. Ба ақидаи ӯ, дар ин раванд низ мавқеи муҳаққиқон якхел набуда, баҳснок мебошад (М.Н. Марченко, С.С. Алексеев, Р.Ш. Сотиволдиев). Ба ақидаи ӯ, «усулҳои амалишавии функсияҳои давлат» истифодаи тарзу воситаҳои гуногуни таъсиррасонии ҳуқуқиву иҷтимоӣ (фарҳангӣ, ахлоқӣ, иттилоотӣ), тарбиявӣ, мафкуравӣ, психологӣ, чораҳои ҳавасмангардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқиро дар назар дорад. Аз нигоҳи муаллиф, усулҳои амалишавии функсияҳои давлат ба «боварикунонӣ» ва «ҳифзи ҳуқуқӣ» ҷудо мешаванд (саҳ. 80 ва минбаъда).

**Боби дуюми** диссертатсия «Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат» ном дошта, дар он фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷрои ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ ба сифати «шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат» мавриди таҳқиқ қарор дода

шудаанд. Дар зербанди якуми боби дуюм «Ҳуқуқэҷодкунӣ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» мафҳум, аҳамият ва хусусиятҳои эҷоди ҳуқуқ чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» таҳқиқ шудааст. Диссертант бар он ақида мебошад, ки «ҳуқуқэҷодкунӣ» заминаи ташаккули инкишофи ҳуқуқи нав, инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар ва асоси таъмини заминаи ҳуқуқии пешрафти ҷомеа, яке аз «шаклҳои ҳуқуқии амалишавии функсияҳои давлат» мебошад (саҳ. 88 ва минбаъда).

Дигар проблемаи илмие, ки муаллиф онро мавриди таҳқиқ қарор додаст, бо се нуқтаи назар оид ба «ҳуқуқэҷодкунӣ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» робита дорад. Аз нигоҳи ақидаи якум, «ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолияти давлатӣ оид ба таҳия, тағйир ва бекор кардани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад (А.С. Пиголкин)», ақидаи дуюм «ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро чун «фаъолияти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ мешуморад (А.В. Малко), нуқтаи назари сеюм бошад, «ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро бо қабули ҳам «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва ҳам «меъёрҳои ҳуқуқӣ» алоқаманд менамояд (А.Б. Венгеров). Сипас, диссертант мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро тибқи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва ақидаҳои мухталифи як қатор муҳаққиқони соҳа (Р.Ш. Сотиволдиев, М.З. Раҳимов,А.Р. Нематов, И.Н. Сенякин, М.Н. Марченко, С.В. Поленина), мавриди таҳлил қарор медиҳад (саҳ. 90 ва минбаъда). Ба ақидаи Шарифзода Саъдӣ Шариф, ҳуқуқэҷодкунӣ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба таҳия, қабул, тағйир, қатъ ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки бо мақсади амалишавии функсияҳои давлат, таъмини асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ ва самаранокии онҳо бо дарназардошти стратегияи рушди давлат ва ҷомеа анҷом дода мешавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ба қонунэҷодкунӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин диссертант зикр менамояд, ки «эҷоди ҳуқуқ» ба ғайр аз давлат, ки, бешубҳа, эҷодкори асосии меъёри ҳуқуқ аст, аз ҷониби халқи Тоҷикистон низ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, ақидаҳои хешро муаллиф зимни амалияи ин фаъолият асоснок намуда, таъкид менамояд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ шакли муҳими амалишавии функсияҳои давлат ба ҳисоб меравад. Дигар проблемае, ки диссертант мавриди таҳқиқ қарор додаст, асосҳои ҳуқуқии амалишавии функсияҳои давлат ба ҳисоб меравад, ки он дар стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва алалхусус дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян карда шудааст (саҳ. 96 ва минбаъда).

Дар зербанди дуюми боби мазкур «Иҷрои ҳуқуқ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» муаллиф таъкид менамояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои «фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ» (Л.П. Рассказов), «ҳуқуқтатбиқкунӣ» (М.И. Байтин), «ҳуқуқтаъминкунӣ» (А.В. Мелехин), «иҷроиши меъёрҳои ҳуқуқ» (С.С. Алексеев) ва ғ. истифода мешаванд. Дар асоси ақидаҳои овардашуда, Шарифзода Саъдӣ Шариф иброз менамояд, ки «татбиқи ҳуқуқ» ҷузъи «иҷроиши ҳуқуқ» чун «шакли амалишавии функсияи давлат» буда, аз нигоҳи ӯ, ин раванд танҳо бо «татбиқи ҳуқуқ» маҳдуд нашуда, ҳамчунин қабули ҳатмии «санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ»-ро талаб менамояд. Муаллиф, ақидаҳои хешро бо мавқеи С.В. Бабаев, Л.П. Рассказов, М.Н. Марченко, Р.Ш. Сотиволдиев ва диг. асоснок менамояд. Ба ақидаи диссертант, «иҷрои ҳуқуқ» бо истифода аз «шаклҳои гуногун» амалӣ мегардад, ки ба он «идоракунии давлатӣ», «татбиқи қонунҳо», «фармоишот», «супоришҳои давлатӣ» ва ғ. мансубанд. Дар ҳамин замина муаллиф бар он ақида мебошад, ки «татбиқи қонун» шакли асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар амалишавии функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ, идеологӣ, мудофиавӣ, иттилоотӣ ва ғайраҳо буда, «татбиқи қонун» ва «иҷроиши ҳуқуқ» шакли фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, ҳукумат, мақомоти давлатӣ ва ғайра мебошад (саҳ. 109 ва минбаъда).

Дар заминаи таҳлилҳои зикршуда, Шарифзода Саъдӣ Шариф мафҳуми зерини муаллифии хешро пешниҳод менамояд: «иҷрои ҳуқуқ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» фаъолияти мунтазам, мақсаднок, муташаккилонаи мақомоти давлатӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини амалишавии самараноки функсияҳои давлат зимни иҷрои муқаррароти меъёри ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ, роҳандозии тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ анҷом дода мешавад (саҳ. 116). Диссертант бар он ақидааст, ки дар амалишавии функсияҳои давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти аввалиндараҷаи амаликунии функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ, идеологӣ, мудофиавӣ, иттилоотӣ ва гайра мебошанд (саҳ. 124 ва минбаъда).

Зербанди сеюми боби мазкур ба проблемаҳои «Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» бахшида шудааст. Тавре диссертант таъкид менамояд, «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» яке аз масъалаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, он дар даврони шӯравӣ мавриди коркарди илмӣ қарор гирифта, ҳанӯз ҳам

ба қадри кофӣ таҳқиқ наёфтааст. Дар ин раванд, муаллиф оид ба таҳлили «мафҳум» ва «вазифаҳо»-и «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии давлат» андешаҳои якчанд гурӯҳи муаллифонро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Тавре ӯ зикр менамояд, агар гурӯҳи якуми муаллифон «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии давлат»-ро «чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» эътироф намоянд (Р.Ш. Сотиволдиев, Б.И. Байтин, Ю.В. Марченко, И.С. Самоенко ва диг.), гурӯҳи дуюм онро «чун намуди фаъолияти давлат мешуморад, вале ба ақидаи онҳо, бо амалишавии функсияҳои давлат алоқаманд намебошад (С.С. Алексеев, В.М. Комаров, А.Ю. Гулягин, С.Л. Макштарева ва диг.). Гурӯҳи сеюм бошад, онро «предмети функсияҳои ҳифзи ҳуқуқии давлат» мешуморад (А.М. Артемов, С.М. Кузнетсов, В.В. Лазарев, С.В. Липен, А.В. Елсов, А.С. Палазян, В.П. Малахов). Диссертант бар он ақида мебошад, ки «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии давлат» бо ин ё он асосҳо ба маъноҳои гуногун фаҳмида мешавад. Ба андешаи ӯ, «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» яке аз «шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат» ба ҳисоб рафта, он тавассути фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, рушди ҷомеа ва ҳалли вазифаҳои давлат амалӣ карда мешавад (саҳ. 140 ва минбаъда).

Шарифзода Саъдӣ Шариф ба масъалаи таносуби мафҳумҳои «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ», «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» ва мафҳуми «субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» таваҷҷуҳ зоҳир мекунад Ақидаҳои гурӯҳи якуми муҳаққиқони соҳа М.А. Бухтарева, А.Г. Братко, К.Ф. Гутсенкоро, ки мафҳуми «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун намуди мустақили фаъолияти давлатӣ таҳлил намудаанд, инчунин гурӯҳи дуюми муҳақиқони соҳа М.И. Байтин ва диг., ки «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» таҳқиқ намудаанд, ҳаматарафа омӯхта мешаванд. Ҳамчунин диссертант нуқтаи назари С.С. Алекссев, В.А. Ромашев ва Р.Ш. Сотиволидиевро нисбати проблемаи илмии мазкур мавриди таҳлил қарор дода, маънии васеи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии давлатро дастгирӣ менамояд ва дар ҳамин партав мафҳуми муаллифии хешро пешкаш менамояд: «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ, шаҳрвандон ва унсурҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ, манфиатҳои қонунии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва намудҳои

дигари ҳуқуқвайронкунӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад (саҳ. 145 ва минбаъда).

Доир ба проблемаи «субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» диссертант мавқеи олимони соҳаро мавриди таҳлили чуқур қарор медиҳад. Ӯ ақидаи гурӯҳи якуми муаллифонро оид ба робитаи «фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ» бо мақомоти махсуси давлатӣ (К.Ф. Гутсенко, М.А. Ковалев), ақидаи дигарро оид ба робитаи фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ бо «мақомоти ғайридавлатӣ» таҳқиқ мекунад (Ю.А. Дмитриев, М.А. Шапкин). Ҳамчунин ақидаи М. Маҳмудзода ва Б. Худоёровро оид ба робитаи мақомоти адвокатура ва нотариат бо мақомоти «фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ» мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Шарифзода Саъдӣ Шариф ба «субъектони фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (суд, прокуратура, милитсия ва г.), балки дигар «мақомоти давлатӣ»-ро дохил мекунад. Ба ақидаи ӯ, ба «субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» мақомоти қонунгузор, мақомоти ҳокимияти иҷроия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ шомил мебошанд. Аз нигоҳи муаллиф, «мақомоти давлатӣ», ки дар «амалишавии функсияҳои давлат» тавассути «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» иштирок менамоянд, яъне салоҳияти ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро доранд, ба «субъектони фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ» дохил мешаванд (саҳ. 147 ва минбаъда).

Дар зербанди чоруми боби мазкур «Фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ чун шакли амалишавии функсияҳои давлат» чаҳор проблемаи муҳими илмӣ таҳлил гардидааст: 1) фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ ҳамчун шакли амалишавии функсияҳои давлат; 2) рӯшан намудани маънои этимологии калимаи «санҷиш» («контрол») ва «назорат»; 3) таносуби мафҳумҳои «санҷиш» ва «назорат»; 4) субъектони ин шакли амалишавии функсияҳои давлат. Шарифзода Саъдӣ Шариф зикр менамояд, ки «фаъолияти синҷишӣ-назоратӣ» яке аз «шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат» мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун ҷой доранд, аз ҷумла тавсифи мухталифи он чун «функсияи ҳокимияти давлатӣ» (А.Б. Яблонский), «намуди ҳуқуқтатбиқкунӣ» (М.А. Бухтарева), «як намуди фаъолияти ҳуқуқӣ» (С.Н. Назаров) ва «функсияи мустақили давлат» баён мешавад. Муаллиф

мавқеи гурӯҳи муалиффон, аз ҷумла Ю.В. Марченко, А.А. Гогин, И.С. Самошенко, М.И. Байтин, Р.Ш. Сотиволдиевро ҷонибдорӣ мекунад. Ба ақидаи диссертант, «фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ» «на функсияи мустақили давлат», «на функсияи ҳокимияти давлатӣ», балки як «шакли амалишавии функсияи давлат» ба ҳисоб меравад (саҳ. 162 ва минбаъда).

Проблемаи дигари илмие, ки диссертант онро мавриди таҳқиқ қарор додаст, таносуби мафҳумҳои «санҷиш» («контрол») ва «назорат» мебошад. Муайян карда мешавад, ки дар ин масъала якфикрии муҳаққиқон дида намешавад. Шарифзода Саъдӣ Шариф таъкид менамояд, ки якчанд усули таҳқиқи ин мафҳум, хусусиятҳои он, «мафҳуми механизми санҷишӣ-назоратӣ» ва субъектонии ин фаъолият бояд фарқ карда шаванд. Диссертант мафҳуми муаллифии хешро пешниҳод менамояд: «фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ» шакли амалишавии функсияи давлат буда, аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ бо мақсади назорат ва санҷиши иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои давлатӣ, барномаҳои давлатӣ, истифодаи қонунии захираҳои молиявӣ, иқтисодӣ, моддӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва дигари давлат бо истифода аз тарзу усулҳои махсуси дар қонун пешбинишуда ба роҳ монда мешавад» (саҳ. 164).

Дар **хулосаи диссертатсия,** натиҷаҳои асосии кор ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дарҷ ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шарифзода Саъдӣ Шариф кори таҳқиқотии комплексии назариявӣ-амалӣ ва баанҷомрасида мебошад. Нуктаҳои илмие, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда ва саҳми шахсии муаллифи онро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур яке аз нахустин таҳлилҳои диссертатсионии шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мебошад.

Оид ба мухтавои диссертатсия 13 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва мухтавои онро пурра инъикос мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Саъдӣ Шарифро мусбӣ баҳо дода, айни замон ба як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ мебояд ишора намуд.

1. Муаллиф зимни таҳқиқи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун функсияи давлат таъкид менамояд, ки «ҳифзи ҳуқуқи инсон» масъалаи муҳими давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад ҳам, аммо он «функсияи мустақили давлат» шуда наметавонад. Дар идомаи фикри худ муаллиф таъкид менамояд, ки худи мафҳуми «функсияи давлат» аз он шаҳодат медиҳад, ки вай самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад. Ба ақидаи ӯ, «вазифаи давлат» он масъалаву проблемаҳои муҳимми ҷомеа мебошанд, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ дар назди давлат қарор дорад. Аз ин нуқтаи назар муаллиф «ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»-ро «вазифаи аввалиндараҷаи давлат» мешуморад (саҳ. 64-65). Аммо чунин нуктаи илмии пешниҳоднамудаи муаллиф баҳснок мебошад.

2. Вобаста ба таснифи «функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ»-и давлат диссертант мавқеи зиёди муҳаққиқонро оид ба ин проблемаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид менамояд, ки дар адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ бештари олимону муҳаққиқон функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлатро дастгирӣ менамоянд. Бо дарназардошти ақидаҳои таҳлилшуда, муаллиф функсияҳои давлатро «вобаста ба ҳудудашон ба «дохилӣ», «хориҷӣ» ва «омехта» ҷудо менамояд. Мехостем нисбати «функсияҳои омехта»-и давлат ақидаи муаллифро ба тафсил бифаҳмем (саҳ. 37-42).

3. Дар заминаи таҳқиқи ақидаҳои муҳаққиқони сершумор оид ба мафҳуми «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» муаллиф дар робита бо хусусиятҳои фаъолияти мазкур онро чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» пазируфта, мафҳуми «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ»-ро ба ду маъно - ҳамчун намуди мустақили фаъолияти давлатӣ ва ҳамчун шакли амалишавии функсияҳои давлат шарҳ медиҳад. Сипас, диссертант вобастагии амалишавии «фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ»-ро аз «субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки дар байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ маҳз «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» дорои салоҳияти махсуси давлатӣ буда, имконияти истифодаи чораҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқиро бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорад. Вале ба ақидаи ӯ, «субъектони фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» на танҳо «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» (суд, прокуратура, милитсия ва ғ.), балки дигар мақомоти давлатӣ низ мебошанд, чунки дар амалишавии «функсияҳои давлат» танҳо «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» иштирок намекунанд. Аз ин хотир, диссертант ба доираи «субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ» чун «шакли амалишавии функсияҳои давлат» ҳамчунин мақомоти қонунгузор,

мақомоти ҳокимияти иҷроия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатиро дохил мекунад. Мавқеи муаллиф каме баҳснок аст ва мехостем ақидаи ӯро муфассал ба ин проблемаи илмӣ шунавем (саҳ. 140-147).

Эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба баҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Саъдӣ Шариф таъсир намерасонанд.

Бо дарназардошти баҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсинӣ хулосаи зерин пешкаш мешавад:

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Саъдӣ Шариф дар мавзӯи «Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир» кори илмӣ-тахассусӣ буда, барои самарабахш амалӣ гардидани функсияҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳамияти иҷтимоӣ дорад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 10-16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26 ноябри соли 2016 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Саъдӣ Шариф, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ -**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи давлат ва**
**ҳуқуқи факултети ҳуқуқшииосии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизес ва сиёсати Тоҷикистон:** **Шокиров Ғ.А.**
**12 феврали соли 2019.**
**Тел.: +992 92 770 97 91; E-mail: shga1959@mail.ru**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, ш. Хуҷанд, 17 микроноҳия, хонаи 1.
Тел.: (83422) 2-38-11; 2-38-67; 2-08-53.
Факс: 2-51-70; E-mail: tslubp@rambler.ru

ДДҲБСТ
имзои н.и.з. Шокиров Ғ.А.
тасдиқ менамоям
Мудири шуъбаи кадрҳо
Хоҷаева Ғ.Ҷ.